**ХУЛОСАИ**

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D.КОА-088 - и назди Донишгоҳи давлатии Данғара оид ба диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик).**

Диссертатсияи Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович ба омӯзиши махсусиятҳои ҳунарии яке аз адибони муосири тоҷик Аброр Зоҳир ва саҳми ӯ дар инкишофи жанрҳои гунонгуни адабиёти замони Истиқлоли давлатӣ ихтисос дорад. Воқеан, Аброр Зоҳир аз ҷумлаи адибонест, ки дар ташаккул ва инкишофи осори бадеии даврони навини адабиёти тоҷик саҳми арзанда гузоштааст. Аз ин рӯ, омӯзиш ва пажуҳиши осори ӯ муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад.

Аброр Зоҳир осори фаровоне, аз қабили киссаву романҳои «Мунтасир», «Муқовимат», «Бозгашт», «Ёри ғор», «Завол», «Душанбе», «Дунёи бесомон», «Арсаи набарди гургон», «Хокпайванд», «Охирин сайди сайёд», «Бодоми осемасар», «Гули маҳтоб», «Дунёи афсона», «Ҳадя» ва амсоли инро таълиф намуда, ба чоп расонида, саҳми арзишманди хешро дар ташаккули адабиёти муосири тоҷик гузоштааст.

Муҳаққиқ Турахонов С. А. дар диссертатсия ба масъалаҳои мубрами адабиёти тоҷик, махсусан, маҳорати баланди эҷодии адиб дар ташаккул ва таҳаввулоти романҳои таърихӣ ва корбурди санъатҳои бадеӣ таваҷҷуҳ намудааст. Аз ин ҷиҳат мавзуву муҳтавои диссертатсия ва автореферати Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир», ба ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) пурра мувофиқат менамояд.

Метавон гуфт, ки диссертатсия дар адабиётшиносии тоҷик нахустин ва мукаммалтарин таҳқиқоти илмӣ роҷеъ ба фаъолияти эҷодии Аброр Зоҳир ва маҳорати ҳунарии ӯ дар таълифи осори адабӣ-таърихӣ дониста мешавад.

Диссертатсия ва автореферати Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Мазмуну муҳтавои асосии диссертатсия дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 мақола дар маҷмуаҳои дигари илмии

ҷумҳуриявӣ инъикос ёфтааст. Дар ин таълифот муҳтавои кори диссертатсионӣ мукаммал дарҷ ёфтаанд.

Автореферати диссертатсия ва маколаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Истифодаи матлаби бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз дар матни диссертатсияи Турахонов С. А. ба назар намерасад, ки аз риоя шудани банди 37- и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфтааанд. Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба хулоса омад, ки диссертатсияи **Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи ««Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир»** ҷавобгӯ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шуда, он таҳқиқоти бaанҷомрасида мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) ба ҳимоя пешниҳод намуд.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

ҚАРОР КАРД:

1. Диссертатсияи **Турахонов Салоҳиддин Абдураҳмонович дар мавзуи «Вежагиҳои ҳунарӣ ва мавзуии насри таърихии Аброр Зоҳир»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020500 – Филология (6D020501 – Адабиёти тоҷик) дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-088 -и назди Донишгоҳи давлатии Данғара тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.
2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси интихобнамудаи диссертант мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

- **Сироҷиддини Эмомалӣ –** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;
- **Зулфиев Гадомад – номзади** илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон** пешниҳод мешавад.
4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии Данғара ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**

Доктори илми филология, узви Шурои диссертатсионӣ Асозода Ҳ. Р.

**Аъзоёни комиссияи экспертӣ:**

Доктори илми филология, узви Шурои диссертатсионӣ Ғаффорзода Ш. Ҳ.

Номзади илмҳои филология, узви Шурои диссертатсионӣ Усмониён Н. У.

“15” декабри соли 2025.